Ҳар кӣ фолбинӣ кунад ё назди фолбин биравад, ғайб ва пешгӯӣ кунад ё назди касе биравад барояш пешгӯӣ кунад, ё ҳар касе сеҳр кунад ва ё назди соҳир биравад

Аз Имрон ибни Ҳусайн (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ҳар кӣ фолбинӣ кунад ё назди фолбин биравад, ғайб ва пешгӯӣ кунад ё назди касе биравад барояш пешгӯӣ кунад, ё ҳар касе сеҳр кунад ва ё назди соҳир биравад, аз мо нест, ва ҳар касе назди коҳин биравад ва ӯро тасдиқ кунад, пас ба он чи бар Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нозил шудааст, куфр варзидааст".

[Ҳасан] [رواه البزار]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) касоне аз уммати худро, ки баъзе аз аъмоли зерро анҷом медиҳанд бо лафзи "Аз мо нест" таҳдид кардаанд, аз ҷумла: Якум: "Ҳар кӣ фолбинӣ кунад ё касе фоли ӯро бинад". Вожаи фол дар ин ҳадис бо лафзи "Татайюр" омадааст, татаюр аз решаи тайр (паранда) аст. Сарчашмаи ин амал раҳо кардани парранда ҳангоми анҷоми коре буд, ба монанди сафар кардан, тиҷорат ва ғайра, ки агар парранда ба тарафи рост парвоз кунад фоли нек аст ва агар ба тарафи чап парвоз кунад фоли бад аст ва аз анҷоми он худдорӣ мекунад. Анҷоми ин амал, чи худ онро анҷом диҳад ё касе дигар барои ӯ анҷом диҳад, ҷоиз нест. Ҳукми мазкур шомили тамоми фолбиниҳост, хоҳ аз шунидаҳо бошад ё аз диданиҳо, ё паррандаҳо ва ё ҳайвонот, ё одамони маъюб бошад ва ё бо ададӣ хоссе ё рӯзҳои ҳафта. Дуввум: "Ҳар касе ғайбгӯӣ кунад ё касе барои ӯ пешгӯӣ ва ғайбгӯӣ кунад", яъне ҳар кӣ бо истифода аз ситораҳо ва ё чизҳои дигар иддиои илми ғайбро кунад, ё ба назди касе, равад, ки муддаъии илми ғайб аст, ба монанди фолбин ё коҳин ва ё монанди онҳо ва сухани ӯро тасдиқ кунад, ба ончӣ бар Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нозил шудааст, куфр варзидааст. Севвум: "Ҳар касе ҷоду кунад ва ё ба назди ҷодугар равад", яъне касе ба сеҳру ҷоду машғул аст, ё ба назди ҷодугар меравад то бо воситаи ҷоду ба касе суд ва ё зиён бирасонад ва ё раҳҳоеро гиреҳ баста бар онҳо таъвиз ва тилисмҳои ҳаромро хонда дам меандозад.


النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY


لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee